**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шафоатов Азал Нусратович дар мавзӯи “Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Аз «06» 09 соли 2021** **ш. Душанбе**

Вазъи ҳозираи таҳқиқи илмии масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ, аз ҷумла, масъалаҳои луғатшиносӣ, зарурати ҷустуҷӯи навовариҳои забоншиносӣ, таҷдиди назар кардани масоили гузашта ва ба доираи таҳқиқи илмии забоншиносӣ ворид намудани масъалаҳои зиёди то ҳол ба дараҷаи зарурӣ омӯхтанашударо ба миён мегузорад. Дар байни мавзӯъҳои мухталифи луғатшиносии муосир, ки то ҳол нисбатан кам омӯхта шудаанд, масъалаи ташаккулу таҳаввул ва амалкарди истилоҳоти соҳавӣ аз мавзӯъҳои мубрами таҳқиқшаванда ба шумор меравaнд. Замони ҳозира, давраи вусъат ёфтани парокандагии илмҳои ҷудогона ва соҳаҳои махсуси донишҳо буда, дар назди забоншиносии тоҷик масъалаҳои зиёдеро доир ба сохтану такмил додани низоми истилоҳот ба миён мегузорад. Рушди ҳар гуна соҳаи илм бо пайдоиши истилоҳоти нав алоқамандӣ дорад. Низоми истилоҳот аз низоми мафҳумҳои он илм ҷудонопазир аст ва ҳамроҳ бо он инкишоф меёбад. Ин гуфтаҳо ба истилоҳоти варзиш, ки дорои таърихи нисбатан тӯлонӣ аст, низ тааллуқ дорад. Истилоҳоти варзишию тарбияи ҷисмонӣ ва таърифи онҳо, равиши калимасозӣ ва вижагиҳои луғавиву маъноии истилоҳот дар дохили гурӯҳҳои истилоҳӣ, ҳам дар шакли алоҳидаи варзиш ва ҳам дар намудҳои варзиши дорои хусусияти умумидошта, ҳамаи инҳо мавҷудияти истилоҳоти варзишро ҳамчун яке аз қисмҳои муҳимми низоми истилоҳоти ҳаргуна забон тасдиқ мекунанд.

Дар ҳамин замина, мавриди кори таҳқиқ қарор додани мавзӯи **“Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ”** аз ҷониби А. Шафоатов хеле муҳимму арзишманд аст. Муҳаққиқ мубрамияти мавзӯи мазкурро барои илми забоншиносии тоҷик нуктасанҷона дарк карда, масоили фарогирифтаи корро дар асоси назарияҳои илмӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия 324 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳаққиқ А. Шафоатов таҳлили маъноӣ ва сохторию калимасозии истилоҳоти варзиши забони тоҷикиро мавриди баррасии густурда ва бунёдӣ қарор додааст, ки ин аз аҳамияти вижаи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Аҳамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаи шаклгирӣ ва таҳаввули истилоҳоти варзиш то ҳол ҳамаҷониба мавриди баррасии густурда қарор нагирифтааст.

Нововарии кори диссертатсионии Шафоатов А.Н. дар он инъикос меёбад, ки муҳаққиқ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик шаклгирӣ ва таҳаввули истилоҳоти варзиширо аз нигоҳи диахронӣ ва синхронӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор додааст. Таҳлили забоншиносии маводи мавриди таҳқиқ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки таърихи пайдоиш ва таҳаввули истилоҳоти варзиши забони тоҷикиро пайгирӣ ва хусусияти калимасозии истилоҳоти ин соҳаро мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои ташаккули таърихӣ ва мансубияти забонии онҳоро муайян намояд.

Муҳаққиқ дар равиши иҷрои кори диссертатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои фарогири мавзӯъ ва методҳои илмии мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, маҷмӯъгардонӣ ва методҳои махсуси таҳлили фонетикӣ, таҳлили сохторию маъноӣ, таҳлили лингвистӣ ва таҳлили тафсири луғавӣ истифодаи васеъ кардааст.

Дар ҳамин замина, мавриди кори таҳқиқ қарор додани мавзӯи **“Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ”** аз ҷониби А. Шафоатов хеле муҳимму арзишманд аст. Муҳаққиқ мубрамияти мавзӯи мазкурро барои илми забоншиносии тоҷик нуктасанҷона дарк карда, масоили фарогирифтаи корро дар асоси назарияҳои илмӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия 324 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳаққиқ А. Шафоатов таҳлили маъноӣ ва сохторию калимасозии истилоҳоти варзиши забони тоҷикиро мавриди баррасии густурда ва бунёдӣ қарор додааст, ки ин аз аҳамияти вижаи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Аҳамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаи шаклгирӣ ва таҳаввули истилоҳоти варзиш то ҳол ҳамаҷониба мавриди баррасии густурда қарор нагирифтааст.

Навоварии кори диссертатсионии Шафоатов А.Н. дар он инъикос меёбад, ки муҳаққиқ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик шаклгирӣ ва таҳаввули истилоҳоти варзиширо аз нигоҳи диахронӣ ва синхронӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор додааст. Таҳлили забоншиносии маводи мавриди таҳқиқ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки таърихи пайдоиш ва таҳаввули истилоҳоти варзиши забони тоҷикиро пайгирӣ ва хусусияти калимасозии истилоҳоти ин соҳаро мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои ташаккули таърихӣ ва мансубияти забонии онҳоро муайян намояд.

Муҳаққиқ дар равиши иҷрои кори диссертатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои фарогири мавзӯъ ва методҳои илмии мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, маҷмӯъгардонӣ ва методҳои махсуси таҳлили фонетикӣ, таҳлили сохторию маъноӣ, таҳлили лингвистӣ ва таҳлили тафсири луғавӣ истифодаи васеъ кардааст.

Боби якум **“Аз таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ”** ном дошта, аз шаш фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб бештар дар бораи заминаҳои пайдоиши варзиш дар ҷамъияти ибтидоӣ ва мақоми истилоҳоти варзиш дар осори манзуми адабиёти классикии асрҳои X-XIX ва ибтидои асри XX маълумот оварда шудааст. Аз ҷумла, қайд мешавад, ки варзиш дар ибтидо ҳамчун зарурат барои бақои ҳаёти одамон хизмат карда, нақши он дар раҳоӣ аз таъсири ҳодисоти табиӣ, баровардани ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти зиёди иқтисодӣ, равнақи шикорчигӣ ва зироаткорӣ, дифоъ аз ҳуҷумҳои қабилаҳои ҳамсоя ба тадриҷ назаррас гашта, дар давраҳои минбаъдаи рушди ҷомеа он ба яке аз унсурҳои фаъоли тамаддуни инсонӣ табдил ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Баррасии забонӣ ва этимологии истилоҳоту луғоти соҳаи варзиш”** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Истилоҳот дар ҳар як забон қабати муҳимми таркиби луғавии онро ташкил дода, хусусияти соҳавӣ дорад ва дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, илму техника, хоҷагии халқ ва амсоли инҳо чун воситаи муҳимми ифодаи мафҳумҳои марбут ба шайъу ҳодисоти олами воқеӣ хизмат мекунад.

Боби сеюми диссертатсия **“Инкишофи луғоту вожаҳои соҳаи варзиш дар замони муосир”** номгузорӣ шуда, аз се фасл ва чандин зерфасл таркиб ёфта, доир ба инкишофу таҳаввули истилоҳоту луғоти соҳаи варзиши замони шӯравӣ ва замони истиқлолияти Тоҷикистон маълумот медиҳад. Мусаллам аст, ки забони адабии тоҷикӣ таърихи ҳазорсоларо доро буда, аз давраи қадим инҷониб, яъне аз замони шакли хаттӣ гирифтанаш то кунун дар хидмати соҳибонаш будааст. Бо бунёди давлати шӯроҳо дар Тоҷикистон давраи нави инкишофи забони адабии тоҷик, яъне марҳилаи забони муосири тоҷикӣ, оғоз мегардад.

Боби чоруми диссертатсия **“Таснифоти мавзӯӣ ва таҳлили сохтории истилоҳоту луғоти соҳаи варзиш”** унвон дорад, ки он ба таснифи мавзӯӣ ва таҳлили сохтории истилоҳоту луғоти соҳаи варзиш бахшида шудааст. Истилоҳоту луғоти соҳаи варзиш аз нигоҳи таснифоти мавзӯӣ ба гурӯҳҳо дастабандӣ шудаанд.

Хулосаи диссертатсия хеле муфассал буда, натиҷаи кори таҳқиқии унвонҷӯро инъикос кардааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии зиёде дар диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо ҷой доранд:

1. Дар муқаддима такрори як нукта: “аҳамияти мавзӯъ”, “аҳамияти таҳқиқ”, “муҳиммияти таҳқиқ”, “маводи таҳқиқ” ва “маводи асосии диссертатсия” мушоҳида шуд.

2. Боби дуюми диссертатсия “Баррасии забонӣ ва этимологии истилоҳоту луғоти соҳаи варзиш” номида шудааст, ки чандон саҳеҳ нест, зеро дар ин боб сарчашма ё манбаъҳои асосии истилоҳоти варзиш (асил ва иқтибосӣ) таҳқиқ мешаванд.

3. Дар диссертатсия баъзе асарҳои илмӣ, ки ба навъҳои варзиши маъруфи ин замона бахшида шудаанд, истифода нашудааст. Чунончи, асари Зафар Аҳмад “Каратэ ё ҳарби дасти холӣ- усули “Шотокан” (Аҳмад З. Каратэ ё ҳарби дасти холӣ- усули “Шотокан”. - Хуҷанд: Ношир, 2017-300 с.).

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос кардааст. Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст. Монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҷавобгӯйи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фарогири мавзӯи асосии кори диссертатсионии мазкур мебошанд.

Кори диссертатсионии Шафоатов Азал Нусратович дар мавзӯи **“Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ”** барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ буда, онро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмиву таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф**- доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

2. **Алимӣ Ҷумъахон**- доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

3. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**- доктори илмҳои филологӣ. профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ **Сулаймонов С.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви Шӯрои диссертатсионӣ **Шарифова Ф.Х.**

доктори илмҳои филологӣ,
узви Шӯрои диссертатсионӣ **Гулназарзода Ж.Б.**